Тақризи

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Махкамова Чамангул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)**

Махкамова Чамангул Абдугафоровна соли 2008 факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусравро бо ихтисоси "менеҷмент" хатм намудааст. Аз моҳи январи соли 2019 ҳамчун унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» кори илмию таҳқиқотӣ бурда, диссертатсияи худро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) омода намуд.

Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи таҳқиқоти рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст. Ҳангоми иҷрои кори илмии худ Махкамова Ч. А. дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварӣ, омӯзиш ва интихоби асарҳои тадқиқотчиёни хориҷию ватанӣ, ки ҷабҳаҳои назариявии кори мазкурро таҳқиқ намудаанд, нишон дод. Инчунин дар раванди таҳқиқот оид ба таҳия намудани мақолаҳо кӯшиш ба харҷ дода, аз рӯи мавзӯи кори илмӣ 7 мақолаҳо ба чоп тавсия намуд, ки аз онҳо 6 тоаш ба маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд.

Дар ҳалли вазифаҳои баланд бардоштани таъмини амнияти озуқаворӣ ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии (ИОЗИ) корхонаҳои кишоварзӣ аҳамияти калон дорад. Зеро, омили муҳими баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии фаъолияти истеҳсолиро идоракунии оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, пеш аз ҳама захираҳои моддиву меҳнатӣ ташкил медиҳанд. Дар замони муосир аксари корхонаҳои кишоварзӣ дар самти асосии фаъолияти истеҳсолии худ ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои итеҳсолиро ворид накардаанд ва ин омилро барои баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолот дар сатҳи кофӣ истифода намебаранд.

Ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои итеҳсолӣ ҳамчун вазифаи муҳим дар маҷмӯи вазифаҳои идоракунии захираҳо, хусусияти ташкилӣ дошта, тамоми муносибат ва алоқаҳои сабабиву оқибатии миёни самтҳои гуногуни фаъолияти корхонаро дар бар мегирад. Маҳз ҳамин мураккабӣ ва меҳнатталабии таҳлили шаклу методҳои мавҷуда баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва такмили онҳоро муайян менамояд.

Бинобар ин, зарурати асосноккунии назариявӣ ва коркарди пешниҳодот доир ба ташаккули низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ва мавҷудияти масъалаҳои илмиву методии ҳалнашуда оид ба ташкил ва

фаъолият намудани он дар корхонаҳои кишоварзӣ сабаби интихоби мавзӯъ, вазифа, сохтори мантиқӣ ва муайян намудани самтҳои таҳқиқоти диссертатсионии Махкамова Ч. А. гардидааст.

Кори диссертатсионии пешниҳодшуда дорои навгониҳое мебошад, ки онҳо дар ҷамъбастномаҳои назариявию амалӣ ва хулосаю пешниҳодҳои унвонҷӯ инъикос ёфтаанд.

Муаллиф дар пояи муносибатҳои методологиву методӣ, ки дар асарҳои бунёдии олимон-иқтисодчиёни ватаниву хориҷӣ истифода шудааст, исбот намудааст, ки дар миёни манбаъҳои истифодаи захираҳои истеҳсолӣ манбаъҳои ташкилӣ, ки ба ҳамаи унсурҳои низомҳои идоракунӣ тааллуқ доранд, нақши калидӣ дошта, дарёфту истифодаи онҳо бо маблағи камтарин натиҷанокии фаъолияти истеҳсолиро баланд мебардорад. Дар диссертатсия асосҳои консептуалии истифодаи муносибатҳои барномавии мақсаднок ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (ҳамчун самтҳои рушди усулҳои банақшагирӣ ва идоракунӣ), ки ба тарзи ҳалли проблемаҳои бо роҳи коркард ва амалӣ намудани маҷмӯи чораҳои барномавии ба ҳадафҳо нигаронида шуда мусоидат менамоянд, коркард шудаанд.

Махкамова Ч. А. дар тадқиқот асоснок намудааст, ки методҳои мавҷуд будаи арзёбии сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ талаботҳои воқеӣ ва низомӣ буданро таъмин карда наметавонанд. Вобаста ба ин, низоми арзёбии сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро таҳия кардааст.

Сохтор ва мундариҷаи тадқиқоти диссертатсионӣ дорои пайдарпаии мантиқӣ мебошад, ки аз сатҳи баланди камолоти илмии Махкамова Ч. А. шаҳодат медиҳад. Мукаррароти назариявию амалии дар диссертатсия омада метавонад дар ҳалли масъалаҳои муҳими илмӣ, назариявӣ ва амалии ташкил ва идоракунии низоми иқтисодиёти кишоварзӣ саҳмгузор шавад.

Дар хотима бояд қайд намуд, ки кори диссертатсионии Махкамова Ч. А. ҳамчун тадқиқоти анҷомёфта дорои арзишҳои баланди илмиву амалӣ мебошад. Тадқиқоти диссертатсионӣ ҷавобгӯи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад ва онро метавон барои ҳимояи ошкоро пешниҳод намуд.

**Роҳбари илмӣ:**
**Муовини директори ИИ ва Д АМИТ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** Мирсаидов А. Б.

Имзои д.и.и., профессор Мирсаидов А. Б.-ро тасдиқ мекунам.

Нозири калон оид ба кадрҳои ИИ ва Д АМИТ Қурбонов Э. Т.

ОТДЕЛ КАДРОВ